**Тақриз**

ба кори диссертатсионии Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ).

Дар шароити рушди муносибатҳои нави иқтисодӣ, тадриҷан афзоиш ёфтани шумораи аҳолӣ ва талаботи он ба маҳсулот озуқаворӣ, таъмини иҷрои барномаи давлатии амнияти озуқаворӣи аҳолӣ талабот ба истифодаи самаранокии захираҳои замину обро дар мамлакат зиёд мекунад.

Торафт камшудани ҳаҷми замини корам ба ҳар сари аҳолӣ ва тағйирёбии муҳити зист, зиёд шудани талаботи аҳолии ҷаҳон ба оби нушокӣ зарурияти оқилона ва дуруст истифода карани захираҳои обу замин ва ҷустуҷӯи роҳҳои оптималию фоиданокии захираҳои табиӣ, махсусан замину об, гузаронидани таҳқиқотҳои илмиро дар ин самт талаб мекунад.

Нисбат ба талабот кам будани истеҳсоли маҳсулотҳои кишоварзии истеҳсоли ватанӣ, ба таври қаноатбахш ворид нагардидани махсулоти кишоварзӣ ба Созмони умумиҷаҳонии савдо, зиёд шудани ҳаҷми воридоти маҳсулоти кишоварзӣ дар назди соҳаи кишоварзӣ ва олимони ин соҳа вазифаи нави илмиро мегузорад, ки таҳқиқоти як қатори онҳо ба масъалаҳои замину об алоқаманд аст. Вазифаи истифодаи самаранокии захираҳои обу замин яке аз вазифаҳои стратегии дурнамоии давлатӣ ба ҳисоб рафта, самтҳои алоҳидаи он таҳқиқоти илмиро талаб мекунад. Аз ин нуқтаи назар мавзӯи таҳқиқшаванда хеле муҳим ва актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи унвонҷӯ пеш аз ташаккули механизми самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замину об бояд ба таҳқиқоти ҷиҳати назариявию методии мафҳуми «самара», «самаранокӣ», «самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об» машғул шудан лозим аст.

Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Дар сарсухан мубрамӣ ва зарурияти баргузории таҳқиқот, дараҷаи аз худшудаи масъалаи илмӣ, заминаҳои назариявию методологии таҳқиқот, ҳадафи таҳқиқот, объект ва мавзӯи таҳқиқот, масъалаҳо ва усулҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва омӯзиши таҳқиқот, эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия ва дигар масъалаҳои ба қисми тавсифи умумӣ кор дахл дошта нишон дода шудааст.

Дар боби аввали диссертатсия «Ҷанбаҳоии асосии назариявӣ ва методологии самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об» махсусан тавсфоти умумии асосҳои назариявии самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об, махсусан таҳлил карда шуда, методологияи баҳодиҳии самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об бо таври васеъ маънидод карда шуда, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба истифодаи захираҳои замину об ва имконияти истифодаи он дар амалияи хоҷагии вилояти Хатлон таҳқиқ карда шудаанд.

Дар боби дуввум-«Баҳодии ҳолати имрӯзаи истифодабарии захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон» мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуда, ҳолати имрӯзаи истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон таҳқиқ гардида, истифодабарии иқтидорҳои обёрикунии хоҷагиҳои кишоварзии вилояти Хатлон баҳододашуда, масъалаи ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ - асосӣ баландбардории самаранoки истифодабарии захираҳои замин ва об баррасӣ карда шудаанд.

Дар боби сеюм-«Роҳҳои асосии баланд бардоштани иқтидорӣ истифодаи самаранокии захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон» омӯхта шуда, омилҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон муайян, роҳҳои баландбардории самаранокии истифодабарии захираҳои замин дар кишоварзӣ пешниҳод ва такмили низоми идораи захираҳои замин дар асосӣ технологияи инноватсионӣ асоснок карда шудаанд.

Ҳамзамон, муаллиф ба омӯзишу таҳқиқоти мафҳуми «самаранокӣ», «самаранокии иқтисодӣ», «самаранокии истифодабарии замину об», диққати махсус дода мавқеи олимони сершумори соҳаро гуруҳбандӣ карда нишон додааст. Муаллиф қайд менамояд, ки «ба ақидаи мо афкори муҳаққиқон дар бораи нишондиҳандаҳои иловагии истифодаи самаранокии захираҳои замин, пешниҳодҳо оид ба истифодаи нишондиҳандаҳо ба монанди: вазни қиёсии киштзори кишоварзӣ дар майдони умумии замин, вазни қиёсии мазраъ дар сохтори майдони кишоварзӣ, вазни қиёсии кишти зироати муйяни кишоварзӣ дар майдони киштзор ва дигарон дуруст нест. Ӯ қайд менамояд, ки афзоиши ин нишондиҳандаҳо баъзан ҳамчун омили афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот маънидод карда мешаванд, аммо дар ин мавврид он тахти таъсироти бодхӯраи обӣ ё шамолӣ ба бад шудани ҳолати заминҳо ва ба ин васила ба коҳиши ҳосилнокии миёнаи намудҳои гуногуни зироатҳои кишоварзӣ оварда расониданаш мумкин аст. Нишондиҳандаҳои номбаршуда, асосан шиддатнокии истифодаи заминро таҷассум менамоянд. Чунин андешаи унвонҷӯ аз нигоҳи мо қобили қабул аст.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки унвонҷӯ ба хуби тавонистааст, ки барои расонидан ба ҳадаф ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошта шуда аз усулҳои муосире, ки имрӯз дар системаи муносибатҳои нави иқтисодӣ ҷой доранд самарабахш ва дуруст истифода намояд.

Дар диссертатсия масъалаҳои баҳодиҳии ҳолати имрӯза истифодабарии захираҳои обу замин, махсусан таҳқиқи роҳҳои асосии баланд бардоштани иқтидорӣ истифодаи самаранокии захираҳои замин ва об дар вилояти Хатлон, дар асоси технологияи инноватсионӣ асоснок карда шуда, хуб арзёбӣ шудааст. Бинобар ин, ақидаҳои илмии иқтисодчиён ва тадбирҳои пешниҳодшудаи унвонҷӯ ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои замин ва об бо андешаи мо боиси дастгирӣ аст. Дар мавриди татбиқ гаштани усулҳои пешниҳод шуда, ҳолати беҳдошти замин ва низоми обёришавии заминҳо, истифодаи оқилонаи заминҳои обёришаванда ва дар ин асос зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ таъмин ва сатҳи зиндагии аҳолии боло рафта, рушди устувории саҳми кишоварзӣ таъмин карда мешавад.

Муаллиф кушиш кардааст, ки дар муқаррароти ҳафтум, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидааст, роҳҳои баландбардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва обро дар саҳми кишоварзии вилояти Хатлон муайян намояд. Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи замину обро дар шакли расм пешниҳод намудааст, ки истифодаи он на танҳо аҳамияти илмӣ - методологӣ, балки амалӣ низ дорад.

Ҳамзамон, бояд ёдовар шуд, ки унвонҷӯ Шарипов Иломжон Орифович дар рисолаи илмии худ аз ҳисобҳои омории расман эътирофшудаи Агентии омори наздм Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарраёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаю бахшҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва ҳисоботи Кумитаи идораи замини вилояти Хатлон ва Раёсати беҳдошти замин ва обёрӣ дар вилояти Хатлон.

Монография ва мақолаҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ, бо маҳорати махсуси касбӣ, омӯзгор - таҳқиқотчӣ истифода кардааст.

Хулоса, диссертатсияи Шарипов И.О. дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар мисоли маводҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон» мутобиқ ба талаботи муқарраркардаи Низомнома КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ таҳрезӣ гардида, зимни матраҳнамоии

мавзӯъ роҳҳои ҳалли масъалаҳои замин ва об ба василаи татбиқи усулҳои навини муосир хуб нишон дода шудааст.

Шарипов И.О. мутахассиси аз ҷиҳати илмӣ пурра ташаккулёфта буда, аз руйи бештари масъалаҳои иқтисодиёти кишоварзӣ мустақилона масъалагузорӣ карда, оид ба ҳалли баъзе аз онҳо кушиш мекунад, ки ҷавоб дода мавқеи худро муайян созад.

Ҷиҳати характернокии Шарипов И.О. аз он иборат аст, ки дар худ як ҷуръати илмӣ дорад: нотарсида аз рӯйи масъалаи муҳокимашаванда фикрашро баён мекунад. Ҳатто дар мавриде, ки мумкин фикри ӯ ба ҳамкорон, олимон мумкин мухалиф бошад.

Дар ҳама маврид ӯ кушиш менамояд, ки фикрашро аз ҷиҳати илмӣ ва методӣ асоснок карда, пешниҳод намояд. Дар бештари ҳолатҳо вариантҳои алтернативии ҳалии масъалаҳои иқтисодиро ҷустуҷӯ мекунад. Ба андешаи ман ин яке аз ҷиҳатҳои мусбии шахс аст ва мо тарафдори қобилиятнокии эъҷодии Шарипов Иломжон Орифович мебошем. Вай метавонад ҳодисаҳои иқтисодиро таҳлил кунад, кушиш мекунад, ки бо вай аз ҳама тараф нигох карда бошад. Вай бодиққат, фаъолона бо чунин мақолаҳои илмии иқтисодӣ диққат дода, кӯшиш мекунад онҳоро ёбад ва барои худ аз ин мақолаҳо ҷиҳати хуби илмиро гирад ва дар кори илмии худ махсусан навгонии мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва маърӯзаҳои илмӣ истифода намояд.

Хусусиятҳои дар боло зикршуда ба Иломжон Орифович имкон дод, ки мавзӯи замонавӣ ва муҳимро интихоб намояд ва аз рӯйи ӯ таҳқиқоти илмӣ барад. Таклифу пешниҳодҳои дар рисолаи илмӣ пешниҳод кардашудаи Шарипов И.О на танҳо аҳамияти илмӣ, балки амалӣ низ дорад. Диссертатсияи Шарипов И. О дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводи хоҷагҳои вилояти Хатлон)» ба талабот Низомнома комиссияи Олӣ атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, диссертатсия аз рӯйи ихтисоси: 08.00.05 Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракуниии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлок) мувофиқат мекунад ва онро барои муҳокимаи умумӣ тавсия кардан мумкин аст.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур, корманди шоистаи Тоҷикистон — Шарифов З.Р.